НАЗОРАТИ

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# УКАЗ
## ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ

Бо мақсади тақвияти малакаи касбӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ ва сатҳи забондонии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ, фармон медиҳам:

1. Аз 1 апрели соли 2024 кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ ба муҳлати яку ним сол ба омӯзиши ҳатмии забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ё забонҳои дигар) дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, фаро гирифта шаванд.

2. Мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ ҷиҳати иҷрои фармони мазкур чораандешӣ намоянд.

3. Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- бо таъсиси комиссияи дахлдор ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷиро назорат намоянд;
- дар муҳлати як моҳ қоидаҳо оид ба муайян намудани сатҳи донистани забонҳои хориҷиро таҳия ва тасдиқ намоянд;
- пас аз анҷоми муҳлати дар банди 1 фармони мазкур пешбинишуда сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандони мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро муайян карда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
18 марти соли 2024
№ 795

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# УКАЗ
## ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Об изучении иностранных языков

В целях укрепления профессиональных навыков, политического мировоззрения и уровня владения языков сотрудников государственных органов, органов местного самоуправления и государственных организаций, постановляю:

1. С 1 апреля 2024 года охватить сотрудников государственных органов, органов местного самоуправления и государственных организаций обязательным изучением иностранных языков (русского, английского или других языков) сроком на полтора года в рамках предусмотренных средств и других источников, не запрещенных законодательством.

2. Государственным органам, органам местного самоуправления и государственным организациям принять меры для исполнения настоящего указа.

3. Агентству государственной службы при Президенте Республики Таджикистан совместно с Министерством образования и науки Республики Таджикистан:

- с созданием соответствующей комиссии контролировать процесс изучения иностранных языков;
- в месячный срок разработать и утвердить правила определения уровня владения иностранными языками;
- по истечении срока, предусмотренного пунктом 1 настоящего указа, определить уровень владения иностранными языками сотрудников государственных органов и органов местного самоуправления и представить подробные сведения в Исполнительный аппарат Президента Республики Таджикистан.

Президент
Республики Таджикистан

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомали Рахмон

г. Душанбе
18 марта 2024 года
№ 795

АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВОРИДОТИ № 107
20 марти 24